**СУРАТҶАЛАСАИ № 29**

**аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 11-уми марти соли 2024 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ

8 нафар (аз ҷумла 2 нафар тариқи онлайнӣ).

**РӮЗНОМА**

2. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** дар мавзуи **"Шартҳои педагогии мутаносиб-гардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – **Шаропов Шавкат Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров») ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи дуюми рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои ошно намудани аъзоёни Шуро бо ариза, диссертатсия, автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** суханро ба котиби илмии Шуро, доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Насимҷон вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА026 дотсент Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» устод **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** таълиф шуда, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"

(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) таҳия ва ба тартиб даровarda шудааст. Диссертатсия ва бастаи ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо ариза ва тақризи роҳбари илмӣ пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович** дар мавзуи **“Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
   - **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
   - **Хоҷаева М. Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.
   - **Исломов О.А.** - доктори илмҳои филология, дотсент, аъзо;
3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.